Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O43

назди Академияи ВКД ҶТ

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҳабибзода Назира Халил дар мавзуи “Тафтиши ба худкушӣ расондан” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

Тафтиши ҳодисаи худкушӣ ва ҷиноятҳои ба худкушӣ расондан ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ, дар илми криминалистика аҳаммияти назаррас доранд. Ҷинояти ба худкушӣ расондан дорои хусусиятҳои мураккаб аст, зеро онро амалҳои шахсони дигар бо мақсади расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии ҷисмонӣ ё равонии инсон содир мекунанд.

Аз нуқтаи назари илми криминалистика, тафтиши чунин ҷиноятҳо барои муайян кардани механизм ва усулҳои содиршавӣ, омилҳои психологии субъект ва далелҳои ҳуқуқӣ аҳаммияти калон дорад. Дар амалияи тафтишот мушоҳида шудааст, ки аксар ҳолатҳое, ки ба худкушӣ расондан оварда мерасонанд, дорои хусусиятҳои пешгӯишаванда нестанд ва танҳо тавассути таҳлили фарогир ва тафтишӣ муайян кардан мумкин аст.

Тавре муаллифи рисола зикр мекунад: “Ба иттилои коршиносон соли 2020 шумораи худкушиҳо ба 1,53 миллион нафар расидааст, ки ин ба як ҳодисаи худкушӣ дар ҳар 20 сония ё як кӯшиши худкушӣ дар ҳар 1-2 сония баробар аст. Дар гузашта, амали худкушӣ миёни ҷавонон нисбат ба калонсолон хеле камтар рух медод. Солҳои охир дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон сатҳи худкушӣ миёни ҷавонон нисбат ба калонсолон афзун гардидааст. Масалан, то соли 1950 56% ҳодисаҳои худкушӣ дар ҷаҳон ба шахсони аз 45-сола боло рост меомад ва 44% ба нафарони синнашон аз 15 то 44-сола. То соли 1995 ҳиссаи худкушӣ миёни шахсони

45-сола ва калонтар аз он то 47% коҳиш ёфта, миёни нафарони синнашон аз 15 то 44-сола то 53% афзудааст. Тибқи омори ҷаҳонӣ сатҳи баландтарини худкушӣ дар синни то 25-солагӣ мушоҳида мешавад”.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот аз муайян намудани хусусиятҳои криминалистикӣ, ҳуқуқӣ ва равонии ҷинояти ба худкушӣ расондан, таҳлили таҷрибаи амалии тафтиш ва пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ барои пешгирӣ ва баланд бардоштани самаранокии тафтиши ҷиноятҳо мебошанд.

Муаллиф дар кор бо истифода аз методҳои криминалистика, аз ҷумла таҳлили далелҳои моддӣ, таҳлили ҳолатҳои ҷиноятӣ ва усулҳои равонӣ имконият додааст, ки ҷинояти мазкурро ба таври илмӣ таҳлил намояд.

Таҳлили ҳолатҳои воқеӣ нишон медиҳад, ки самаранокии тафтиш ба омилҳои зерин вобаста аст: ҷамъоварӣ ва ҳифзи далелҳои моддӣ; муайян кардани субъект ва таҳлили хусусиятҳои равонии (психологии) ӯ; баррасии муҳити иҷтимоӣ ва равонии шахс; ҳамоҳангсозии усулҳои тафтиш бо қонунгузорӣ ва протоколҳои амали тафтишӣ.

Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки ҳолатҳои ба худкушӣ расондан аксар вақт дорои хусусиятҳои мураккаб мебошанд ва танҳо тавассути таҳлили фарогири илми криминалистика муайян кардан мумкин аст.

Муҳиммияти илмӣ ва амалии рисола дар он ифода ёфтааст, ки муаллиф тавонистааст масъалаҳои механизми содиршавии ҷиноят ва таҳлили далелҳо, муайян намудани усулҳои самараноки тафтиши ҷиноятҳои ба худкушӣ расонданро мавриди баррасӣ қарор ди□ад.

Диссертатсияи Ҳабибзода Назира Халил дорои аҳаммияти назаррас дар илми криминалистика мебошад. Тафтиши ҷиноятҳои ба худкушӣ расондан ҳамчун падидаи мураккаби ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ таҳлил карда шудааст. Мубраммияти кори диссертатсионӣ дар он аст, ки он заминаи

таҳияи стратегияҳои пешгирӣ, баланд бардоштани самаранокии тафтиш ва таҳлили фарогирии ҷиноятҳои мазкурро фароҳам меорад.

Муаллиф метавонад ҷадвалҳо ва диаграммаҳои бештар илова кунад, ки хонанда ба осонӣ равандҳои содиршавии ҷиноят ва аломатҳои он ва амалияи тафтишро дарк кунад.

Автореферат, ки бар асоси диссертатсия таҳия шудааст ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он Ҳабибзода Назира Халил сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат
ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ.

Имзои И.Ҳ. Бобоҷонзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ Абдураҳмонзода Б.А.

«12» 11 2025 с.

Суроғаи муқарриз:
734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.
E.mail:bobojonov_i@mail.ru; info@ifppanrt.tj
Телефон: +992 (37) 221-03-28; (+992) 93-510-77-11